# ТАҚРИЗИ

**ба диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи «Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шудааст.**

Ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар замони муосир, ки пандемия тамоми ҷаҳонро фаро гирифтааст, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии тамоми кишварҳои ҷаҳон гаштааст. Дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон истисно набуда, Ҳукумати кишвар ҷиҳати рушду инкишофи ин соҳа ва муассисаҳои он тамоми тадбирҳои бояду шоядро андешида истодааст. Бояд таъкид кард, ки аз соли 1917 то соли 1924 тиб ва муассисаҳои тандурустии тоҷик амалан инкишоф наёфтанд: муассисаҳои тиббӣ ва кадрҳои тиббӣ қариб вуҷуд надоштанд. Баъзе тадбирҳои муолиҷавӣ-профилактикӣ ва санитарию зиддиэпидемиявиро танҳо аз ҷониби мутахассисони соҳаи ҳарбӣ мегузарониданд.

Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар доираи диссертатсияи илмии худ таҳти мавзӯи «Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)» тавонистааст, ки масъулият ва вазифаи худро дар назди наслҳои гузашта, имрӯза ва оянда то ҳадди имкон ба иҷро расонад. Унвонҷӯ кори илмии худро аз заминаҳои таърихии инкишофи илми тиб, таърихи ташаккули муассисаҳои тиббиии Тоҷикистони Шӯравӣ оғоз намуда, баъдан таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлобро дар даврони Шӯравӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Инчунин, дар фарҷом хулоса ва пешниҳодҳои илман асосноки худро ба миён гузоштааст, ки метавонанд барои наслиояндаи миллат дар соҳаи тиб комгорӣ ба бор оваранд.

Дар диссертатсияи Маҳмадов И.М. таъсисёбии муассисаҳои тиббӣ дар минтакаи Кӯлоб дар солҳои 1924-1960, сиёсати давлати Шӯравӣ дар таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ ва инкишофи минбаъдаи

соҳаи тиб дар солҳои 1970-1991 мавриди таҳлили пурраи илмӣ-назариявӣ қарор дода шудааст. Инчунин, дар он унвонҷӯ асосҳои методологию назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисоларо муайян намудааст.

Ҳамин тариқ, муаллиф қайд менамояд, ки дар давоми солҳои 1917-1991 таъмини пурраи соҳаи тиб бо кадрҳои маҳаллӣ анҷом ёфт ва давраи тадқиқотҳои олимони тоҷик дар омӯзиши тибби замонавӣ оғоз гардид. Дар баробари ҳамин системаи кори соҳаи тиб низ ба куллӣ тағйир ёфт ва пешгирии бемориҳо яке аз принсипҳои асосии тибби ин давра ба ҳисоб мерафт.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Маҳмадов И.М. мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он ҷанбаҳои илмӣ пайдарпай баррасӣ гардида, мантиқан масъалагузорӣ шудаанд ва он сазовори баҳои мусбат мебошад.

Дар қатори дастовардҳои мусбат ва илман асосноки рисолаи тақризшаванда аз нигоҳи мо баъзе камбудиҳои мантиқӣ, мазмунӣ ва имлоӣ техникӣ низ ҷой доранд.

Аммо, дар умум камбудиҳои мавҷуда мазмуни диссертатсияи муаллифро коста намекунанд, чунки онҳо хусусияти ҷузъӣ доранд. Аз мазмуни диссертатсия бармеояд, ки он дорои навгонии назарраси илмӣ ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда буда, барои рушди илми таърихнигорӣ, аз ҷумла илми таърихи ватанӣ аҳамияти хосса дорад. Инчунин, роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявиро дар худ мустаҳкам намудааст.

Қайд кардан бомаврид аст, ки барои Тоҷикистон ташаккули муассисаҳои тиббӣ дар даврони шӯравӣ яке аз самтҳои афзалиятнок маҳсуб гардида, он аз ҷониби унвонҷӯ ба таври комил мавриди

пажӯҳишу баррасӣ қарор гирифтааст ва нахустин кори илмӣ-таҳқиқотии бунёдӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад.

Аз рӯи мазмуни баланди назариявӣ ва амалӣ, мубрамият ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда диссертатсия ба ҳамаи талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ бояд қайд намуд, ки Маҳмадов И.М. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор мебошад.

**Мудири кафедраи дипломатия ва**
**муносибатҳои байналмилалии**
**АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**номзади илмҳои таърих** **Меъроҷиддини Насридин**

**Имзои М. Насридин -ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси**
**Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Бобозода Одилҷон Олим**

29.03.2022